Бо қарори мушовараи
Вазорати маориф ва илм
аз 28.08.2014, № 18/10
тасдиқ шудааст

# НИЗОМНОМАИ
## намунавӣ дар бораи таҷрибаомӯзии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон

### 1. Муқаррароти умумӣ

1.Низомномаи мазкур дар асоси талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия гардида, тартиби ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзи (таълимӣ (шиносӣ), саҳроӣ, истеҳсолӣ, педагогӣ ва пешаздипломӣ)-ро ба танзим медарорад.

2.Таҷрибаомӯзӣ як қисми асосии ҷараёни таълим ба шумор рафта, ба мустаҳкам намудани донишҳои назариявии азбаркардаи донишҷӯён дар раванди таҳсил ва ба даст овардани маҳорату малакаҳои касбӣ аз рӯи самт (ихтисос)-и интихобкардаи онҳо равона карда шудааст.

3.Мақсади ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзӣ аз ташаккул додани маҳорати касбии донишҷӯён дар асоси омӯзиши таҷрибаи фаъолияти кории муассиса, ташкилот, корхона, тақвият бахшидан ба малакаи тахассусии онҳо оид ба мустақилона ташкил намудан ва гузаронидани корҳо, қабули қарорҳои дахлдор дар самт (ихтисос)-и интихобкардаашон иборат аст.

4.Намуд ва мӯҳлати гузаронидани таҷрибаомӯзӣ тибқи нақшаҳои таълимӣ самт (ихтисос)-ҳо муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ муайян карда шуда, аз рӯи барномаҳои аз тарафи кафедраҳои тахассусӣ таҳиягардида, ба роҳ монда мешавад.

### 2. Шаклҳои таҷрибаомӯзӣ

5.Дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҷрибаомӯзӣ дар шаклҳои асосии ба тариқи зайл муқарраркардашуда ташкил ва гузаронида мешаванд:

-таҷрибаомӯзии таълимӣ (шиносоӣ);
-таҷрибаомӯзии саҳроӣ;
-таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ;
-таҷрибаомӯзии педагогӣ (барои ихтисосҳои равия омӯзгорӣ);
-таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ.

6.Мақсад ва вазифаи таҷрибаомӯзии донишҷӯён дар марҳалаҳои гуногуни таълим, вобаста ба курс ва самт (ихтисос) дар доираи талаботи Стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ ва нақшаҳои таълимии

амалкунандаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ муқарраргардида, ифода мегардад.

7.Таҷрибаомӯзии таълимӣ (шиносоӣ) корҳои таълимиеро дар бар гирифтааст, ки ҳангоми ташкил ва гузаронидани онҳо донишҷӯён маълумоти аввалинро дар бораи хусусиятҳои фаъолияти касбии самт (ихтисос)-и интихобкардаи худ ба даст меоранд. Ин шакли таҷрибаомӯзӣ дар курсҳои поёнӣ ба муддати аз 2 то 4 ҳафта гузаронида мешавад.

8.Вазифаҳои таҷрибаомӯзии таълимӣ (шиносоӣ) дар муайян намудани асосҳои фаъолияти касби оянда ва баланд бардоштани маҳорат ва малакаи аввалини тахассусии донишҷӯ ифода мегардад. Он аз намудҳои таҷрибаомӯзии экскурсонӣ, шиносоӣ, таҳлилӣ иборат буда, аз рӯи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ муайян карда шуда, дар муассисаҳо, корхона, ташкилот ва ё ҷузъҳои сохтории муассисаи таҳсилоти олии касбӣ гузаронида мешавад.

9.Манбаи ташаккул додани малакаҳои касбӣ ҳангоми гузаронидани таҷрибаомӯзии таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ метавонад азбар намудани барномаҳои гуногун ва иҷрои шаклҳои гуногуни корҳои амалӣ, аз қабили системаи тренингӣ, бозиҳои расмии касбӣ, озмоишӣ ва барномаҳои компютерӣ («Делта», «1С Муҳосибот», «Вест 4», «Омор» ва “Ҳукумати электронӣ”) ба шумор равад.

10.Таҷрибаомӯзии тахассусӣ (истеҳсолӣ) аз рӯи самт (ихтисос) бо мақсади мустаҳкам намудани донишҳои назариявии донишҷӯён, аз рӯи фанҳои умумикасбӣ ва тахассусӣ, ҷамъоварии маводи таълимӣ барои навиштани корҳои курсӣ гузаронида мешавад.

11.Таҷрибаомӯзии тахассусӣ (истеҳсолӣ) дар корхонаи истеҳсолӣ, ташкилот ё муассисаи таълимӣ гузаронида шуда, дарсҳо дар мувофиқа бо кафедраи тахассусӣ, бо нишон додани макони таҷрибаомӯзӣ ва роҳбари таҷрибаомӯзии тахассусӣ ва ё синфхонаю озмоишгоҳҳои муайян гузошта мешаванд (барои ихтисосҳои омӯзгорӣ).

12.Таҷрибаомӯзии тахасуссӣ метавонад дар назди кафедраҳои тахассусӣ ва ё муассисаҳои ба он марбут гузаронида шаванд. Гурӯҳи таълимӣ ба зергурӯҳҳо ҷудо карда шуда, мақсади он муайян карда мешавад. Бо қарори Шӯрои олимони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ гузаронидани ин шакли таҷрибаомӯзӣ дар муддати ҳафтаҳои таълими назариявӣ иҷозат дода мешавад. Дар чунин мавридҳо муҳлати гузаронидани таҷрибаомӯзӣ барои нигоҳ доштани давомнокии он мувофиқи нақшаҳои таълимӣ муайян карда мешавад.

13.Таҷрибаомӯзии пешадипломӣ дар курси ниҳоӣ гузаронида мешавад. Давомнокии он то 10 ҳафта муайян карда шудааст.

14.Вазифаи таҷрибаомӯзии пешадипломӣ аз рӯи талаботи барномаи таълимии самт (ихтисос)-и муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар асоси пурра азхудкунӣ ва такмил додани дониш, азбар намудани роҳу усулҳои ҷамъоварӣ намудани натиҷаҳо ва далелҳо оид ба мавзӯи кори хатмкунии бакалавр (кори дипломии мутахассис) ва ба даст овардани салоҳиятҳои касбӣ аз ҷониби днишҷӯён муайян карда мешавад.

Донишҷӯён дар давраи гузаштан аз таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ метавонанд аз рӯи самт (ихтисос)-е, ки таҳсил намуда истодаанд, дар муассисаҳои истеҳсолӣ, таълимӣ ба ҷойҳои холӣ ба кор қабул шаванд. Ба муассисае, ки дар он таҷрибаомӯзии пешаздипломии худро мегузаранд, бояд бо мавзӯи тасдиққардашудаи кори хатмкунӣ (ё кори дипломӣ) сафарбар карда шаванд.

15.Донишҷӯёне, ки дар асоси барномаи мақсаднок ба муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз рӯи самт (ихтисос) қабул шуда, таълим гирифта истодаанд, таҷрибаомӯзиҳои худро дар муассиса ва ташкилотҳое мегузаронанд, ки агар муссисаи таълимӣ бо онҳо шартномаи тарафайн ба имзо расонида бошад. Иваз кардани ҷои таҷрибаомӯзӣ танҳо бо розигии расмии ҳамин гуна муассиса ё ташкилот ба роҳ монда мешавад.

## 3.Тартиби ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзӣ

16.Ҷиҳати ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзӣ банақшагирӣ ва амалӣ гардонидани чорабиниҳои зерин ҳатмӣ мебошад:

-муайян кардан ва интихоби макони гузаронидани таҷрибаомӯзӣ;

-бастани шартномаҳои тарафайн бо корхона, муассиса ё ташкилот;

-интихоби роҳбарон аз муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва корхона, муассиса ё ташкилот (дар асоси мувофиқаи қаблӣ бо онҳо) ва интишори фармоиши ректор;

-муайян намудани мавзӯъ, мақсад, вазифа ва супоришҳои инфиродӣ, таъмин намудани донишҷӯён бо барнома ва рӯзномаи таҷрибаомӯзӣ, дастурҳои таълимию методӣ);

-сафарбар кардани донишҷӯён ба макони таҷрибаомӯзӣ аз тарафи кафедра ва факултет.

17.Ҳуҷҷатҳои ташкилию методии асосӣ - ба тартиб даровардани фаъолияти донишҷӯён ва роҳбарони таҷрибаомӯзӣ аз муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва корхона, муассиса ё ташкилот, барнома ва рӯзномаи таҷрибаомӯзӣ, дастурҳои таълимию методӣ мебошад.

18.Барномаи таҷрибаомӯзӣ аз тарафи кафедраи тахассусӣ дар мувофиқа бо масъули корхона, муассиса ё ташкилот, мураттатб сохта мешавад. Саволҳои аз рӯи самт (ихтисос)-и амалкунандаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тайёркардашуда ба барнома дар мувофиқа бо кафедра дохил карда мешаванд. Барномаҳои таҷрибаомӯзиро роҳбари таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ва комиссияи махсуси методии муассисаи таълимӣ дида мебароянд ва онҳо аз тарафи муовини ректор оид ба таълим тасдиқ карда мешаванд.

19.Барномаҳои таҷрибаомӯзӣ дар ҳолатҳои зарурӣ бо вазорату идораҳои дахлдор, корхонаҳои истеҳсолӣ, муассисаҳои таълимӣ вобаста ба хусусиятҳои касбии самт (ихтисос)-и амалкунанда мувофиқа карда мешаванд.

20.Барномаҳои таҷрибаомӯзӣ бояд ба талаботи дараҷаи тавсифи самт (ихтисос)-и амалкунанда мувофиқат кунанд, хусусиятҳои касбии аз рӯи самт (ихтисос) аз ҷониби хатмкунандаҳо бадастовардаро ба назар

гиранд ва комёбиҳои навтарини илм ва истеҳсолотро инъикос намоянд. Бинобар ин, онҳо бояд дар шакли даврӣ (дар муҳлати на камтар аз 4 сол як маротиба) дида баромада, таҳрир ва такмил дода шаванд.

21.Коркард ва нашри барномаҳои таҷрибаомӯзӣ барои аз нав таъсис додани самт (ихтисос) на дертар аз оғози давраи академӣ (семестр) бояд ба роҳ монда шавад.

22.Барномаи таҷрибаомӯзӣ бояд қисмҳои асосии зеринро дар бар гирад:

-мақсад ва вазифаи таҷрибаомӯзӣ;

-ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзӣ;

-мундариҷаи таҷрибаомӯзӣ;

-вазифаҳои инфиродӣ;

-талаботи омода намудани ҳисобот оид ба таҷрибаомӯзӣ (вобаста ба самт (ихтисос);

-натиҷагирӣ аз таҷрибаомӯзӣ.

Онҳо инчунин, дастурҳои методиро метавонанд барои гузаронидани таҷрибаомӯзӣ, феҳристи адабиёт ва ҳуҷҷатҳои зарурӣ, саёҳат (экскурсия) дар вақти таҷрибаомӯзӣ ва дигар чорабиниҳое, ки ба такмил додани дониш дар ҷараёни таҳсил равона карда шудаанд, фаро гиранд.

23.Ба ҳар як донишҷӯи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар давоми таҷрибаомӯзӣ вазифаҳои инфиродӣ, ки аз тарафи роҳбари таҷрибаомӯзии кафедраи тахассусӣ муайян карда шудааст, дода мешавад. Мундариҷаи вазифаҳои инфиродӣ бояд ба шартҳои аниқ ҷавобгӯ, дорои хусусияти эҷодӣ буда, вобаста ба талаботи истеҳсолот мақсад ва вазифаҳои раванди таълимро дар бар гирад. Вазифаҳои инфиродӣ бояд ба қобилият ва тайёрии назариявии донишҷӯён ҷавобгӯ бошанд.

24.Ба сифати макон барои гузаронидани таҷрибаомӯзиҳо бояд муассисаю ташкилот ва корхонаҳо новобаста аз шакли моликияташон интихоб карда шаванд, ки ба тайёр кардани мутахассисон аз рӯи самт (ихтисос)-и муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мувофиқат кунанд.

25.Бо иҷозати кафедра ҷои гузаронидани таҷрибаомӯзӣ (бо назардошти ба талаботи иҷрои барномаи таҷрибаомӯзӣ ҷавобгӯ будан) аз тарафи донишҷӯи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ интихоб карда мешавад. Дар ин ҳолат донишҷӯ ба кафедра гувоҳномаи муассисае, ки ӯро барои гузаштан аз таҷрибаомӯзӣ бояд қабул кунад (ё қабул кардааст), пешниҳод менамояд.

26.Муассисаҳои таълимӣ ё сохторҳои он ва идораҳое, ки ба сифати макони таҷрибаомӯзӣ муайян карда мешаванд, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд:

-мавҷуд будани базаи моддию техникӣ аз рӯи самт (ихтисос)-е, ки дар асоси он тайёр кардани мутахассисони ба роҳ монда мешавад;

-дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ гузаронидани чорабиниҳо ҷиҳати вобаста кардани донишҷӯ ба макони таҷрибаомӯзӣ;

-муҳайё сохтани шароити мусоид, таъини роҳбарони соҳибкасб барои гузаронидани таҷрибаомӯзии донишҷӯён;

-муҳайё сохтани шароити мусоиди ҷойи корӣ ба донишҷӯ дар вақти гузаштани таҷрибаомӯзӣ;

-таъмин намудани донишҷӯён бо адабиёт, маводи методӣ, ҳуҷҷатҳои техникӣ ва дигар санадҳои меёрии ҳуқуқӣ, ки барои иҷрои барномаҳои таҷрибаомӯзӣ заруранд;

-муҳайё сохтани шароити мусоид ба ҳамаи намуди таҷрибаомӯзӣ барои гурӯҳи донишҷӯёне, ки дар як макон аз таҷрибаомӯзӣ мегузаранд;

-вобаста аз имконот муҳайё сохтани шароити мусоид ва минбаъд таъмин кардани хатмкунандагони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба ҷойи кор;

-муҳайё сохтани фонди манзил (дар ҳолати зарурӣ) вобаста ба шароити молиявии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ.

27.Роҳбарии умумии таҷрибаомӯзии донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо фармоиши ректори муассисаи таълимӣ ба зиммаи мутахассисони собиқадори кафедраҳои тахассусӣ вогузор карда мешавад.

28.Дар оғози таҷрибаомӯзӣ донишҷӯён бояд қоидаҳои дастурамали техникаи бехатариро гузаранд, бо қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатӣ, тартиби гирифтани ҳуҷҷатҳо ва масолеҳ шинос шаванд.

29.Ҳангоми дар давраи таҷрибаомӯзӣ дар вазифаҳои штатӣ ба кор қабул кардани донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбӣ фаолияти кории онҳо дар баробари кормандони асосии корхона, ташкилот, муассиса тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи меҳнат» (КМҶТ) ва талаботи «Қоидаи дохилии меҳнатии корхона» танзим карда мешавад.

Донишҷӯёне, ки дар давраи гузаштан аз таҷрибаомӯзӣ дар корхона, муассиса ё ташкилот дар вазифаҳои штатӣ ба кор қабул карда шудаанд, тартиби рӯзи кории корхонаи мазкурро пурра риоя мекунанд.

30.Вақти кории донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳангоми гузаштан аз таҷрибаомӯзӣ бо Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тартиб дароварда мешавад ва барои донишҷӯёни аз сини 18-сола боло ҳафтае на зиёдтар аз 40 соат, барои донишҷӯёни сини 16-18-сола ҳафтае на зиёдтар аз 35 соатро дар бар мегирад.

31.Барои ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзӣ фармоиши ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ асос мебошад, ки муҳлати гузаронидани таҷрибаомӯзии донишҷӯён барои соли таҳсили ҷорӣ ва вазифаҳои мушаххаси шахсони мутасаддиро ба таври мушаххас муайян мекунад. Тағйир додани муҳлати гузаронидани таҷрибаомӯзии донишҷӯёни курсҳои алоҳида аз рӯи самт (ихтисос)-ҳо танҳо бо қарори Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба амал оварда мешавад. Бо сабабҳои узрнок ба дигар вақт гузаронидани муҳлати таҷрибаомӯзӣ (ба таври инфиродӣ) мувофиқи фармоиши ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба роҳ монда мешавад. Барои дар чунин ҳолат ба имзо расонидани фармоиши ректор ҳамчун асос аризаи донишҷӯ, розигии кафедра, пешниҳоди садорати факултет, муовини

ректор оид ба таълим ва ҳуҷҷатҳои муҳлати гузаронидани таҷрибаомӯзиро тасдиқкунанда баромад мекунанд.

Масъулият барои ташкил ва роҳбарии бевосита ба таҷрибаомӯзии таълимию методӣ ба уҳдаи мудирони кафедраҳо вогузор карда мешавад.

32.Роҳбари таҷрибаомӯзии истеҳсолии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тибқи тақвими академӣ ҷадвали ҷараёни таълимро ҳамасола бо дархости кафедраҳо дар мувофиқа бо корхона, муассиса ва ё ташкилоте, ки дар асоси бастани шартнома ба сифати базаи таҷрибаомӯзӣ интихоб карда шудаанд, тартиб медиҳад. Дар шартномаи байни муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва корхона, муассиса ва ё ташкилоте, ки дар асоси бастани шартнома ба сифати базаи гузаронидани таҷрибаомӯзӣ интихоб карда шудаанд, дар бораи уҳдадориҳои тарафайн оид ба ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзӣ, намуд ва муҳлати таҷрибаомӯзӣ, миқдори донишҷӯёне, ки ба таҷрибаомӯзӣ сафарбар карда мешаванд, дарҷ мегардад.

33.Роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барои иҷрои корҳои зерин масъул мебошад:

-муайян намудани шартҳои гузаронидани таҷрибаомӯзӣ бо базаҳои таҷрибаомӯзӣ;

-ба кафедра пешниҳод намудани маълумот дар бораи макони таҷрибаомӯзӣ мувофиқи шартномаҳои басташуда;

-тайёр намудани лоиҳаҳои фармоишҳо ва қарорҳо оид ба таҷрибаомӯзӣ дар мувофиқа бо садорати факултет;

-назорат, таҳлил ва ҷамъбасти натиҷаҳо оид ба рафти гузаронидани таҷрибаомӯзӣ;

-бурдани ҳисоботи молиявӣ (дар мувофиқа бо муҳосиботи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ) аз рӯи шартномаҳои ҷиҳати ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзиҳо баимзорасида;

-таъмин намудани кафедраҳо бо ҳуҷҷатҳои зарурии таҷрибаомӯзӣ;

-назаорат бурдан аз рӯйи коркарди барномаҳои таҷрибаомӯзӣ;

-дар асоси таҳлили ҳисобот пешниҳод намудани маълумотномаи ҷамъбастӣ ба кафедраҳо дар бораи гузаронидани таҷрибаомӯзиҳо.

34.Кафедраҳо дар ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзӣ чунин вазифаҳоро иҷро мекунанд:

-таҳияи барномаи таҷрибаомӯзӣ тибқи талабои нақшаи таълимии самт (ихтисос)-и амалкунандаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва дар ҳолати зарурӣ ворид намудани тағйирот ба онҳо (як маротиба дар муҳлати на камтар аз чор сол);

-интихоб намудани макони таҷрибаомӯзӣ ва дар мувофиқа бо корхона, муассиса ва ё ташкилоте, ки дар асоси бастани шартнома ба сифати базаҳои таҷрибаомӯзӣ муайян карда шудааст, ба бахши таҷрибаомӯзии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ манзур намудани дархосту пешниҳод оид ба миқдори донишҷӯёне, ки дар таҷрибаомӯзӣ иштирок мекунанд;

-гузаронидани тақсимоти донишҷӯён ба макони таҷрибаомӯзӣ ва то оғози таҷрибаомӯзӣ ба бахши таҷрибаомӯзии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ пешниҳод намудани маълумот оид ба натиҷаи он.

35.Садорати факултет дар раванди ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзӣ вазифаҳои зеринро иҷро мекунад:

-таъмини донишҷӯён бо маълумоти зарурӣ дар бораи муҳлати гузаронидани таҷрибаомӯзӣ тибқи нақшаи таълимии самт (ихтисос)-ҳои амалкунандаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, ташкил ва гузаронидани қабули санҷишҳо ва ҳимояи ҳисобот оид ба таҷрибаомӯзӣ аз ҷониби донишҷӯён;

-назорат аз рӯи рафти ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзӣ аз ҷониби кафедраҳо;

-ташкил ва гузаронидани маҷлис ва конференсияҳо оид ба таҷрибаомӯзӣ бо иштироки роҳбарони таҷрибаомӯзӣ;

-таҳия ва тасдиқи мавзӯъҳои намунавии инфиродӣ оид ба таҷрибаомӯзӣ;

-ба роҳ мондани назорат оид ба рафти гузаштани донишҷӯён аз таҷрибаомӯзӣ;

-назорат аз рӯи дар муҳлати муайяншуда супоридани санҷишҳо ва ҳуҷҷатҳои ҳисоботӣ оид ба таҷрибаомӯзӣ;

- муҳокима ва тасдиқ намудани ҳисоботи умумии кафедраҳо оид ба таҷрибаомӯзӣ дар Шӯрои олимони факултет ва ба Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ пешниҳод намудани қарорҳои вобаста ба ин масъала қабулгардида.

36.Уҳдадориҳои муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар раванди ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзиҳо:

-таъин намудани роҳбарони таҷрибаомӯзӣ дар асоси пешниҳоди садорати факултетҳо;

-вобаста ба имконияти мавҷуда (15 рӯз қабл аз оғози таҷрибаомӯзӣ) таъмин намудани шароити сафарбар намудани роҳбарони таҷрибаомӯзӣ аз кафедра ва факултетҳо ба макони гузаронидани таҷрибаомӯзӣ бо максади муайян намудани вазъи қабули донишҷӯён барои гузаштан аз таҷрибаомӯзӣ, интихоби роҳбарони таҷрибаомӯзӣ аз корхона, муассиса ё ташкилот ва бо онҳо мувофиқа кунонидани барномаи таҷрибаомӯзӣ;

- дар асоси пешниҳоди садорати факултетҳо ва кафедраҳо тасдиқ намудани ҳайати комиссияҳо, ҷадвали қабули санҷишҳо ва гузаронидани ҳимояи ҳисоботҳо оид ба таҷрибаомӯзӣ;

-дар ҷаласаҳои Шӯрои илмию методӣ таҳлил, мавриди муҳокима ва тасдиқ қарор додани барномаҳои таҷрибаомӯзӣ;

-гузаронидани тафтиши интихобии ҷараёни гузаронидани таҷрибаомӯзӣ;

-қабули ҳисобот аз садорати факултетҳо, кафедраҳо ва роҳбарони таҷрибаомӯзӣ оид ба натиҷаи таҷрибаомӯзиҳо бо дархосту пешниҳодҳо дар бораи беҳтар гардонии сифати корҳо аз рӯи ташкил ва гузаронидани онҳо.

## 4.Тартиби иҷрои талаботи нақшаи таҷрибаомӯзӣ

37.Баробари ба охир расидани муҳлати таҷрибаомӯзӣ донишҷӯ бояд ба кафедраи тахасусӣ ҳисоботи хаттӣ пешниҳод намояд. Ҳисобот бояд маълумоти дақикро оид ба иҷрои корҳо аз тарафи донишҷӯён ҳангоми гузаштан аз таҷрибаомӯзӣ ва маводи инъикоскунандаи қисмҳои гуногуни нақшаи таҷрибаомӯзӣ ва вазифаҳои инфиродии донишҷӯ дар бар гирад. Ҳисобот оид ба таҷрибаомӯзӣ, рӯзномаи таҷрибаомӯзӣ ва тавсифнома дар бораи донишҷӯ бо гузоштани имзо аз тарафи роҳбари таҷрибаомӯзӣ ва муҳри садорати факултет тасдиқ карда шуда, дар муддати 5 рӯз баъди бозгашт аз таҷрибаомӯзӣ (аз истеҳсолот ё муассиса) дар кафедра ҳимоя карда мешавад.

38.Ҳисобот тибқи намунаи ягонаи «Ҳисоботи донишҷӯ оид ба натиҷаи фаъолияти таҷрибаомӯзии таълимӣ-истеҳсолӣ»-и муассисаи таҳсилоти олии касбӣ пешниҳод мешавад.

39.Дар рӯзнома бояд фикру мулоҳизаҳои донишҷӯ ва роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз муассисаи таҳсилоти олии касбӣ оид ба мувофиқати талаботи пешниҳодшуда инъикос ёбад.

40.Санҷишҳои дифференсиалӣ оид ба таҷрибаомӯзӣ дар муддати ду ҳафтаи баъд аз ба охир расидани таҷрибаомӯзӣ қабул карда мешаванд.

41.Санҷиши диференсиалӣ аз таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ дар асоси ҳимояи ҳисобот аз тарафи комиссияе, ки дар назди кафедра бо фармоиши ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ташкил карда шудааст, қабул карда мешавад. Аз рӯи қоида ба ҳайати комиссия омӯзгорони фаннӣ, ки аз рӯи барномаи таълимии онҳо таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ гузаронида мешавад, роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз кафедра ва вобаста ба имконият роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз ҷои гузаштани таҷрибаомӯзӣ дохил мешаванд. Қабули санҷишҳои дифференсиалӣ оид ба таҷрибаомӯзӣ имкон дорад, ки дар ҷои гузаронидани таҷрибаомӯзӣ ташкил карда шавад. Баҳои таҷрибаомӯзӣ ба варақаи имтиҳонӣ ва дафтарчаи имтиҳонӣ гузаронида мешавад ва он ба баҳои аз қисми назариявӣ азхудкардаи донишҷӯ баробар ҳисобида мешавад.

Баҳои таҷрибаомӯзӣ ҳангоми натиҷагирии азхудкунии барномаи таълимӣ аз ҷониби донишҷӯ ва таъин намудани стипендия дар семестри мувофиқ ба назар гирифта намешавад. Баҳои гузошташуда ба натиҷаи сессия бевосита дахл дорад.

42.Натиҷаи фаъолияти таълимии донишҷӯе, ки бо сабабҳои узрнок барномаи таҷрибаомӯзиро иҷро накардааст, ба натиҷаи фаъолияти таълимии донишҷӯёни аз таҷрибаомӯзӣ тақризи манфӣ ё баҳои ғайриқаноатбахш гирифтаанд, баробар ҳисобида мешавад. Чунин донишҷӯён дар ҳолати пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зарурӣ, берун аз раванди таълим такроран ба таҷрибаомӯзӣ ҷалб карда мешаванд ва муҳлати таҷрибаомӯзӣ, ки тибқи нақшаи таълимии самт (ихтисос) муқаррар гардидааст, бетағйир нигоҳ дошта мешавад. Агар донишҷӯ ба замми ин аз рӯи натиҷаи сессияи имтиҳонии гузашта аз ду фан дорои қарзи

академӣ бошад, масъалаи такроран дар курс мондани ӯ дар комиссияи махсуси муассисаи таҳсилоти олии касбӣ муайян карда мешавад.

43.Донишҷӯёне, ки ҳангоми супоридани санҷиш ё ҳимояи ҳисобот оид ба таҷрибамӯзии пешазд ипломӣ баҳои "ғайриқаноатбахш" мегиранд, ба имтиҳони давлатӣ роҳ дода нашуда, дар ҳолати дар муҳлати муқарраршуда насупоридани қарзи академӣ аз муассисаи таҳсилоти олии касбӣ хориҷ карда мешавад.

44.Натиҷаи таҷрибаомӯзии донишҷӯён дар ҷаласаи кафедраҳо муҳокима шуда, дар Шӯрои олимони факултетҳо ва муассисаи таҳсилоти олии касбӣ баррасӣ мегардад.

45.Оид ба натиҷаҳои таҷрибаомӯзӣ садорати факултет метавонад бо иштироки донишҷӯён ва омӯзгорони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, роҳбарон аз ҷойҳои гузаронидани таҷрибаомӯзӣ ва мутахассисони шинохта конференсияҳои илмӣ-амалӣ, семинарҳо ва мизҳои мудаввар доир намояд.

## 5.Таъминоти моддӣ

46.Пардохти маблағи хароҷоти таҷрибаомӯзии донишҷӯёне, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ таҳсил мекунанд, дар асоси фармоиши ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ оид ба гузаронидани таҷрибаомӯзӣ (дар ҳолати пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда) муқаррар карда мешавад.

Ҳуҷҷатҳо барои пардохти маблағи хароҷот аз тарафи донишҷӯён ба муҳосиботи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар муҳлати 3 ҳафта баъди тамомшавии таҷрибаомӯзӣ (то 20 сенятбр) пешниҳод карда мешаванд.

47.Дар давраи гузаштани таҷрибаомӯзӣ ба донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, ки берун аз ҳудуди шаҳр ё макони таҳсилот ба гузаштани таҷрибаомӯзӣ сафарбар карда мешаванд, маблағи шабонарӯзӣ ба андозаи 10% базавӣ дар ҳар рӯзи рафту омади ӯ ба ҷои таҷрибаомӯзӣ пардохт карда мешавад. Ба донишҷӯёне, ки ҳангоми таҷрибаомӯзӣ ба вазифаҳои штатӣ қабул шудаанд, маблағи шабонарӯзӣ пардохт карда намешавад. Ҳуқуқи гирифтани идрорпулии онҳо нигоҳ дошта мешавад.

Роҳкирои донишҷӯён ба ҷои таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ва бозгашт тавассути нақлиёти роҳи оҳан ва ё автомобилӣ дар дохили ҷумҳурӣ (байнишаҳрӣ), хатсайрҳои байналмилалӣ аз ҳисоби муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ пардохт карда мешаванд.

Роҳкирои донишҷӯён ба ҷои таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ва бозгашт тавассути нақлиёти роҳи оҳан ва автомобилӣ, дар хатсайрҳои шаҳрӣ ва наздишаҳрӣ аз тарафи худи донишҷӯ пардохт карда мешавад.

Пардохти сафарҳои хизматии омӯзгорони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, ки барои роҳбарӣ ба таҷрибаомӯзӣ, назорат ва санҷиш мераванд, тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба амал бароварда мешавад.

Пардохти харочот оид ба гузаронидани таҷрибаомӯзӣ дар ташкилотҳои дигар, аз тарафи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мутобиқи қонунгузории амалкунанда ва бастани шартномаи дутарафа амалӣ карда мешавад.

48.Мақсади асосии таҷрибаи истеҳсолии донишҷӯён дар заминаи омӯзиши амиқи кори корхонаҳо, муассисаҳо ё ташкилот, ба даст овардани малака, азхуд намудани тарзу усулҳои кор дар шароити нави хоҷагидорӣ, тақвияти дониш мебошад, ки онро донишҷӯён дар ҷараёни таълим дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳосил мекунанд. Дар ҷараёни таҷрибаомӯзии таълимию истеҳсолӣ донишҷӯён корҳои ташкилотчигӣ ва тарбияviро низ аз худ мекунанд.

49.Донишҷӯён вобаста ба самт (ихтисос)-и дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ интихобкардаашон дар шароити истеҳсолии корхона, муассиса ва ё ташкилоти муайян корҳои зеринро иҷро мекунанд:

-азбар намудани технологияҳои муосири истеҳсолот;

-омӯзиши хусусиятҳои истеҳсолии корхона, иқтисодиёт, ташкил ва идораи истеҳсолот, назорати сифати маҳсулот;

-азхуд намудани тарзи истифодабарии таҷҳизот, дастгоҳҳо, техникаи ҳисоббарор, асбобҳои назоратию санҷишӣ ва моҳияти механикакунонӣ ва автоматикунонии раванди истеҳсолот;

-ташаккул додани маҳорати ташкили корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, конструкторӣ-лоиҳакашӣ, ихтироъкорӣ ва ғайра;

-муайян намудани шароити ташкил ва таъмини бехатарии фаъолияти ҳаётӣ;

-азхуд намудани роҳҳои ташкили корҳои оммавӣ-тарбиявӣ ва ташкилотчигӣ.

## 6. Ташкил ва роҳбарӣ ба таҷрибаомӯзӣ

50.Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ (кафедра) барои ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзӣ дар муҳлати муқарраршуда ба вазорат (идора)-е, ки ба он тобеъ мебошад, барои муайян намудани макони таҷрибаомӯзии донишҷӯён дархост пешниҳод мекунад.

Ҳар сол на дертар аз се ҳафта бо корхонаҳо, муассисаҳо ё ташкилоте, ки ба ҳайси макони таҷрибаомӯзӣ муайян карда шудааст, барои соли оянда шартнома ба имзо расонида, ду моҳ пеш аз оғози таҷрибаомӯзӣ барнома ва тақвими гузаронидани таҷрибаомӯзии донишҷӯёнро бо корхона, муассиса ё ташкилот мувофиқа мекунад;

Ба сифати роҳбарони таҷрибаомӯзӣ профессорон, дотсентон ва омӯзгорони таҷрибадор, ки истеҳсолотро хуб медонанд, таъин карда мешаванд;

Аз рӯи корҳои ташкил ва гузаронидани таҷрибаи истеҳсолии донишҷӯён дар ҳудуди корхона, муассиса ё ташкилот, риояи қатъии муҳлат ва мазмуни таҷрибаомӯзӣ аз тарафи кафедра ва садорати факултет назорати қатъӣ ҷорӣ менамояд.

## 7. Вазифаҳои роҳбарони таҷрибаомӯзии донишҷӯён

51.Роҳбари таҷрибаомӯзӣ дар сех, шуъба, лаборатория, мактаб, ки роҳбарии бевоситаи таҷрибаомӯзиро ба уҳда дорад, вазифаҳои зеринро иҷро мекунад:

-дар ҳамкорӣ бо роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз муассисаи таҳсилоти олии касбӣ таҷрибаомӯзии истеҳсолии донишҷӯёнеро, ки ба ӯ вобаста карда шудааст, ташкил менамояд;

-донишҷӯёнро бо ҷойи муайяни кор, идора намудани раванди технологӣ, таҷҳизот, воситаҳои техникӣ ё ёрирасон ва истифодаи онҳо, истеҳсолот, муҳофизати меҳнат, техникаи бехатарӣ ва ғайра шинос мекунад;

-аз болои кори истеҳсолии таҷрибаомӯзон назорати доимӣ мебарад;

-ба онҳо дар бобати иҷрои дурусти ҳамаи супоришҳо дар ҷойи кор ёрии амалӣ расонида, онҳоро бо усулҳои пешқадами кор ва технологияи муосир шинос карда, оид ба масъалаҳои истеҳсолӣ машварат медиҳад;

-ба донишҷӯёни таҷрибаомӯз тарзи бехатарии усулҳои корро таълим медиҳад;

-тарзи пур кардани рӯзномаи таҷрибаомӯзӣ ва тайёр намудани ҳисоботи донишҷӯёнро оид ба таҷрибаомӯзӣ таҳти назорат гарифта, ба онҳо тавсифномаи истеҳсолӣ тартиб медиҳад, ки дар он фаъолияти донишҷӯ дар бобати иҷрои барномаи таҷрибаомӯзӣ, супоришҳои ҷудогона ва муносибати донишҷӯ ба кор, зикр карда мешаванд.

## 8. Вазифаҳои донишҷӯён ҳангоми гузаштани таҷрибаомӯзӣ

52.Донишҷӯ ҳангоми гузаштани таҷрибаомӯзӣ вазифадор аст:

-фаъолияти худро пурра аз рӯи барномаи таҷрибаомӯзӣ ба роҳ монад;

-қоидаҳои меҳнатии дохилии корхона, муассиса ва ё ташкилотро бечунучаро риоя кунад;

-қоидаҳои муҳофизати меҳнат, техникаи бехатарӣ ва тозагии санитариро омӯзад ва бемайлон иҷро намояд;

-бо супориши кафедраҳои дахлдор дар корҳои навоварӣ иштирок намояд;

-барои иҷрои кор ва натиҷаҳои он дар баробари коргарони асосӣ масъулият эҳсос кунад;

-тарзи истифодаи дурусти рӯзномаро, ки дар он маводи мавриди зарурат (бо рақамҳо), матни лексия ва суҳбатҳо дарҷ мешаванд, азбар намояд;

-қоидаҳои тасвир намудани нақшаву суратҳоро пурра азхуд кунад;

-оид ба иҷрои ҳамаи супоришҳо ва супоридани санҷиш аз таҷрибаомӯзӣ ба роҳбари таҷрибаомӯзӣ саривақт ҳисоботи хаттӣ пешниҳод намояд.

## 9.Мӯҳлати таҷрибаомӯзӣ

53.Муҳлати таҷрибаомӯзии донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбӣ вобаста ба шакл ва талаботи тақвими академӣ, нақшаҳои таълимӣ ва хусусиятҳои касбии самт (ихтисос)-ҳо муқаррар карда мешавад.

## 10.Вазифаҳои маъмурият ва омӯзгорони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ

54.Роҳбари муассисаи таҳсилоти олии касбӣ вазифаҳои зеринро иҷро мекунад:

-барои гузаштани таҷрибаомӯзии итеҳсолӣ шароити мусоидро муҳайё намуда, бо омӯзгорон, ҳайати коркунони хизматрасон ва донишҷӯ барномаи таҷрибаомӯзиро мувофиқ мегардонад;

-донишҷӯёнро ба муассисаи таълимӣ, корхонаҳои истеҳсолӣ, татбиқи ислоҳот дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва мактабҳои тахассусӣ, бо ҳайати муаллимон, таҷрибаи педагогии пешқадам, ҳуҷҷатгузорӣ, базаи таълимӣ-истеҳсолӣ (утоқҳо, устохонаҳо, китобхона ва ғайра) ва корҳои умумии таълимӣ-тарбиявӣ шинос карда, имконият фароҳам меоварад, ки донишҷӯён дар давраи гузаштан аз таҷрибаомӯзӣ дар кори комиссияҳои фаннӣ (касбӣ) ва ҷаласаҳои марбут ба масъалаи мазкур иштирок намоянд ва бо нақшаҳои кории онҳо шинос шаванд.

## 11.Таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ

55.Таҷрибаомӯзии истеҳсолии донишҷӯён яке аз рукнҳои асосии омодасозии мутахассисони баландихтисос маҳсуб ёфта, дар корхонаву муассисаҳои пешрав, риштаҳои гуногуни корхонаҳои саноатӣ, истеҳсолӣ гузаронида мешавад. Вобаста ба самт (ихтисос)-и муассисаи таҳсилоти олии касбӣ шаклҳои гуногуни таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ташкил ва гузаронида мешавад.

56.Мувофиқи нақшаҳои таълимии амалкунанда самт (ихтисос)-ҳои муассисаи таҳсилоти олии касбӣ банақшагирӣ ва гузаронидани таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ пешбинӣ шудааст, ки асоси онҳоро ҷамъоварӣ ва коркарди маводи мавзӯи кори хатмкунии бакалавр (кори дипломии мутахассис), рисолаи илмии магистр ташкил медиҳад.

57.Ҳангоми гузаштан аз таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ донишҷӯ маводи мавҷударо роҷеъ ба фаъолияти истеҳсолии муассисаҳо, корхона ва ташкилот ҷамъоварӣ намуда, аз онҳо зимни таҳияи кори хатмкунии бакалавр (кори дипломии мутахассис) ва рисолаи илмии магистр пурра истифода мебарад.

58.Донишҷӯён дар ҳолати зарурӣ имкон доранд, ки барои гузаронидани таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ дар муҳлати муайян мувофиқи нақшаи таълимии самт (ихтисос)-и муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба истеҳсолот сафарбар карда шуда, ба таври мустақил бо оддитарин ҷузъиёти соҳаи касбии худ шинос гардида, маводи мувофиқро барои кори хатмкунии бакалавр (кори дипломии мутахассис) ва рисолаи илмии магистр ҷамъоварӣ намоянд.

59.Муҳлат ва мӯҳтавои ҳар як кор дар асоси талаботи нақша ва барномаҳои самт (ихтисос)-ҳои амалкунандаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ муайян карда мешаванд.

## 12.Мундариҷаи таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ

60.Мақсад аз таҷрибаомӯзии истеҳсолии донишҷӯён, пеш аз ҳама, таҳкими донишҳои андӯхтаи онҳо дар ҷараёни таълим, дар асоси омӯзиши амиқи самти фаълияти муассисаҳо, корхонаҳо ва ташкилотҳое мебошад, ки дар он ҷо аз таҷрибаомӯзӣ мегузаранд. Дар рафти гузаштан аз таҷрибаомӯзӣ донишҷӯён бояд малакаи касбии худро дар истеҳсолот ташаккул дода, ба таври ҳатмӣ ба ҷараёни кор (истеҳсолот) ҷалб гарданд.

61.Донишҷӯён вобаста ба самт (ихтисос)-и дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ интихобнамудаашон, ҷиҳати аз худ намудани усулҳои ташкили кор ва корбарӣ, дастовардаҳои илму техника, технологияи муосир, пайдо кардани маҳорату малакаҳо дар соҳаи фаъолияти худ ба гузаштан аз таҷрибаомӯзӣ фаро гирифта мешаванд. Аз ҷумла:

-азхуд намудани технологияи истеҳсолот:

-азхуд намудани иқтисодиёт, созмон ва идораи истеҳсолот, назорат кардани сифати маҳсулот, ошкорсозии тадбирҳои изофӣ барои баланд бардоштани самараи истеҳсолот;

-истифодаи дурусти таҷҳизот, дастгоҳҳо, техникаи муҳандисӣ ва дастгоҳҳои озмоишиву назорат, ҳамчунин татбиқи техника ва технологияи инноватсионӣ дар раванди истеҳсолот;

-азхуд намудани моҳияти кори мактабҳо, дармонгоҳҳо, маҳкамаҳо, додгоҳҳо ва дигар муассисаҳо;

-азхуд намудани таҷрибаи пешқадами соҳа (маориф, иқтисодиёт, ҳуқуқ ва ғайра);

-азбар намудани натиҷаи тадқиқотӣ дар риштаи бехатарӣ ва гигиенаи меҳнат гузаронидашуда;

-роҳҳои ташкил намудани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, навоварӣ ва ихтироот;

-тарзҳои ташкил ва таъмини шароити мусоиду солим барои меҳнат.

62.Муҳтавои кори таҷрибаомӯз аз рӯи барномаи таҷрибаомӯзии самт (ихтисос), ки тибқи Низомномаи мазкур ба тасвиб расидааст, муайян карда мешавад. Барнома бояд фарогири масъалаҳои зерин бошад:

-мундариҷа ва муҳлати иҷрои вазифаҳои фардии донишҷӯён;

-ширкати донишҷӯён дар корҳои навоварӣ, ихтироот, оммавӣ - сиёсӣ ва тарбиявии муассисаву корхонаҳо;

-тарзу усулҳои омода сохтани ҳисобот оид ба натиҷаҳои таҷрибаомӯзӣ;

-хондани лексияҳо ва гузаронидани сӯҳбатҳо бо донишҷӯёни таҷрибаомӯз.

Барномаҳои таҷрибаомӯзӣ мувофиқи самт (ихтисос)-ҳои муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо фарогирии хусусиятҳои хоси соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқи ҷумҳурӣ аз тарафи кафедраҳо тартиб дода шуда, аз ҷониби ректори муассисаи таълимӣ тасдиқ карда мешаванд.

## 13.Ташкил ва роҳбарии таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ

63.Барои гузаштан аз таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ донишҷӯёни кафедраҳои муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқи ҷумҳурӣ ба сифати макони таҷрибаомӯзӣ сафарбар карда мешаванд.

64.Вобаста кардани муассиса, корхона ё ташкилот ба сифати макони таҷрибаомӯзӣ дар асоси ба имзо расонидани шартнома байни муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва корхона (ба муддати на камтар аз 4 сол) ба тариқи зайл амалӣ карда мешавад:

-донишҷӯён барои таҷрибаомӯзӣ ба вазорату идораҳое, ки дар тобеияти худ муассисаҳо, корхонаҳо ва ташкилоти гуногун доранд, фиристода мешаванд;

-ҷойи гузаронидани таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ вобаста ба имконоти мавҷуда барои гурӯҳҳои калони донишҷӯён, тибқи шартнома дар корхонаҳо, муассисаҳо ё ташкилоте муайян карда мешавад, ки онҳо дар наздикии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ қарор дошта бошанд:

-дар ҳолати набудани макони таҷрибаомӯзӣ дар ҷумҳурӣ донишҷӯён дар асоси шартнома ва вобаста ба имконоти молиявии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба дигар ҷумҳуриҳо фиристода мешаванд;

-вазоратҳо, идораҳо, корхонаҳо, муассисаву ташкилоте, ки онҳо ҳамчун пойгоҳҳои таҷрибаомӯзӣ бо муассисаи таҳсилоти олии касбӣ шартнома доранд, якҷоя бо мақомотҳои дахлдор сифату самараи ҷараёни таҷрибаомӯзиро таҳти назорати худ қарор медиҳанд. Ҳамчунин, иҷрои муқаррароти мазкур ва фармоишу шартномаҳо аз ҷониби соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқи ҷумҳурӣ зери назорат гирифта мешавад;

-ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, муовини ректор оид ба корҳои таълим, мудири шуъбаи таҷрибаомӯзӣ ва кор бо мутахассисони ҷавон масъули ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзӣ мебошанд;

-роҳбари таълимию методии гурӯҳҳои таҷрибаомӯзӣ аз кафедраҳои марбутаи факултетҳои муассисаи таҳсилоти олии касбӣ таъин карда мешавад;

-кафедраҳои муассисаи таҳсилоти олии касбӣ иҷрои нақшаи таълимӣ, барномаҳои таҷрибаомӯзӣ ва дар сатҳи зарурӣ гузаронидани онро ба уҳда доранд;

65.Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ вазифадор аст:

-дар муҳлати муайяншуда шартномаи дуҷонибаро бо корхонаҳо, муассисаҳо ё ташкилотҳои соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқи ҷумҳурӣ оид ба қабули донишҷӯёни таҷрибаомӯз пешниҳод намояд;

-ҳар сол то 1-уми октябр бо корхонаҳо, муассисаҳо ё ташкилотҳои соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқи ҷумҳурӣ шартнома ба имзо расонида,

ду моҳ пеш аз оғози таҷрибаомӯзӣ барномаҳо ва тартиби кори таҷрибаомӯзонро бо муассисаҳои дахлдор мутобиқ созад;

-барои гузаштани донишҷӯён аз муоинаи тиббӣ мусоидат намояд.

66.Мудири шуъбаи таҷрибаомӯзӣ ва кор бо мутахассисони ҷавон ва роҳбарони таҷрибаомӯзии факултетҳои муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар якҷоягӣ бо роҳбарони идораю муассисаҳо вазифадоранд:

-то оғози таҷрибаомӯзӣ шароити гузаштани донишҷӯёнро аз таҷрибаомӯзӣ фароҳам оваранд;

-ҷиҳати мураттаб сохтани дастур оид ба гузаронидани таҷрибаомӯзӣ ва техникаи бехатарӣ чораҳои зарурӣ андешанд;

-бо мақсади ба нақшаҳои таълимӣ мувофиқ гардонидан ва дар асоси барномаҳои таълимӣ ба роҳ мондани ҷараёни таҷрибаомӯзӣ аз шароиту имкониятҳои мавҷуда комилан истифода кунанд;

-дар асоси барномаҳо ва нақшаҳои таълимӣ дар маконҳои гузаронидани таҷрибаомӯзӣ, лексия ва семинарҳоро дар мавзӯъҳои иқтисодӣ, техникию технологӣ ва идораи истеҳсолот, ҳифзи меҳнат ва ғайра ташкил намоянд;

-ба ҳисоботи донишҷӯён оид ба натиҷаи таҷрибаомӯзӣ тақриз навишта, ҷиҳати беҳтар намудани сифати гузаронидани таҷрибаомӯзӣ дархосту пешниҳодоти худро ба мудири кафедра, шуъбаи таҷрибаомӯзӣ ва кор бо мутахассисони ҷавон ва раёсати таълим манзур намоянд;

-дар рафти шунидани ҳисоботи донишҷӯён дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, аз ҷониби ҳайати комиссияҳои корӣ, зимни ташкил ва гузаронидани конференсияҳои илмию амалии донишҷӯён оид ба натиҷаи таҷрибаомӯзиҳо, бевосита ширкат варзанд.

67.Роҳбарони корхонаҳо, муассисаҳо ё ташкилотҳои соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқи ҷумҳурӣ масъулияти гузаронидани таҷрибаомӯзиро ба уҳда дошта, дар асоси шартномаи тарафайн вазифадоранд, ки фаъолияти донишҷӯёни таҷрибаомӯзро ба яке аз мутахассисони варзидаи соҳа вогузор намоянд.

68.Роҳбарии мустақими таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ дар сеххо, озмоишгоҳҳо, шуъбаҳо дар асоси фармоиши роҳбарони корхонаҳо, ташкилот ва муассисаҳо ба уҳдаи роҳбарони ниҳодҳои мазкур, вогузор карда мешаванд.

69.Роҳбарии таҷрибаомӯзии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар тӯли тамоми давраҳои он аз тарафи профессорону омӯзгорон бо ширкати директорон ва омӯзгорони мактабҳо сурат мегирад.

70.Корхона, муассиса ва ташкилоте, ки пойгоҳҳои таҷрибаомӯзӣ доранд, бояд:

-таҷрибаомӯзии донишҷӯёнро дар асоси муқаррароти мазкур ва барномаҳои таҷрибаомӯзӣ ташкил диҳанд;

-мутобиқи барномаҳо ҷойи таҷрибаомӯзиро дар ихтиёри донишҷӯён гузошта, ҷараёни пурсамари таҷрибаомӯзиро таъмин кунанд;

-барои донишҷӯён шароити зарурӣ муҳайё созанд, то онҳо тавонанд зимни таҷрибаомӯзӣ донишҳои зарурирο роҷеъ ба ихтисоси худ, дар

соҳаи технология, иқтисод, идораи истеҳсолот, идораи илмии меҳнат, ташкили корҳои илмиву тадқиқотӣ азбар намоянд;

-ба донишҷӯён имконияти истифода аз адабиёти илмӣ, методӣ ва технологияи мавҷуда ро фароҳам оранд;

-дар интихоби мавод барои навиштани корҳои курсӣ, хатмкунӣ (дипломӣ) ва рисолаи илмӣ ба донишҷӯён ёрӣ расонанд;

-иттилооти лозимаро роҷеъ ба ҳифзи меҳнат, техникаи бехатарӣ дар ихтиёри донишҷӯён қарор диҳанд ва дар мавриди зарурӣ онҳоро бо низоми бехатарии кор ошно созанд;

-риояи қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии корхона, муассиса ё ташкилотро аз тарафи донишҷӯён назорат кунанд;

-зимни таҷрибаомӯзӣ донишҷӯёнро бо хӯроки ройгон, либосҳои муҳофиз, пойафзоли корӣ ва васоити амнияти фардӣ таъмин созанд;

-донишҷӯёнро низ мисли коргарони доимӣ ба хобгоҳҳо таъмин намоянд;

-донишҷӯёнеро, ки қоидаву тартиботи дар корхона, муассиса ё ташкилот амалкунандаро вайрон мекунанд, дар асоси фармоиши роҳбарон ба муҷозот кашанд ва дар ин бора бо мактуби расмӣ ба ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ хабар расонанд;

-роҳбарони мазкур ҳамчунин масъули пешгирии ҳодисаҳои нохуш дар раванди кор мебошанд, ки бо донишҷӯён рух медиҳанд.

71.Дар муассисаҳои калоне, ки таҷрибаомӯзии донишҷӯёни факултетҳои мухталифи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз рӯи самт (ихтисос) сурат мегиранд, комиссияҳои муштараки ҷамъиятии ёрирасони таҷрибаомӯзӣ созмон дода мешавад. Ҳайати комиссия роҳбарони корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилот ва намояндагони ташкилоти ҷамъиятиро фаро мегирад.

72.Вазифаи комиссияи муштарак кӯмак ба роҳбарони таҷрибаомӯзӣ барои тақсим ва ҷо ба ҷо кардани донишҷӯён, иҷрои пурраи барномаи коромӯзӣ, ташкили дарсҳо, гузаронидани чорабиниҳои ҷамъиятию сиёсӣ бо коромӯзон ва фароҳам овардани шароити моддию маишӣ мебошад.

73.Роҳбари таҷрибаомӯзии донишҷӯён аз ҷониби корхонаҳо, ташкилот ва муассисае, ки роҳбарии умумии таҷрибаомӯзиро бар уҳда дорад, вазифадор аст:

-мутахассисони ботаҷрибаро ба сифати роҳбарони таҷрибаомӯзии донишҷӯён дар шуъбаҳо, сехҳо ва озмоишгоҳҳо интихоб кунад;

-ташкилу татбиқи босифати суҳбатҳоро роҷеъ ба ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ таъмин намояд;

-донишҷӯёнро бо корҳои илмию тадқиқотӣ ва навоварӣ ҷалб созад;

-бо ширкати роҳбарони таҷрибаомӯз аз ҷониби муассисаи таҳсилоти олии касбӣ маърӯзаҳо ва лексияву семинарҳоро ташкил кунад, ки ҳангоми баргузории онҳо коргарони пешбари корхона, муассиса ё ташкилот роҷеъ ба навтарин шохаҳои илму техника, фарҳанг баромад кунанд;

-риояи интизоми истеҳсолиро аз ҷониби коромӯзон назорат намояд ва дар сурати вайрон кардани қоидаҳои тартиботи дохилӣ роҳбарияти муассисаи таҳсилоти олии касбиро огоҳ созанд;

-бо ширкати роҳбарони таҷрибаомӯзӣ аз тарафи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ интиқоли донишҷӯёнро ба ҷойҳои корӣ ташкил намояд;

-дар назди роҳбарияти корхона, муассиса ё ташкилот роҷеъ ба ташкил ва ҷараёни таҷрибаомӯзӣ ҳисобот диҳад.

74.Роҳбари таҷрибаомӯзии донишҷӯён дар шуъбаҳо (сеххо, озмоишгоҳҳо, ё воҳидҳои дигари сохториии муассисаҳо), ки роҳбарии бевоситаи онҳоро бар уҳда дорад, корҳои зеринро ба сомон мерасонад:

-ҷараёни коромӯзии истеҳсолии донишҷӯёни ба ӯ вобастагардидаро муштаракан бо роҳбарони таҷрибаомӯзӣ аз муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ташкил мекунад;

-донишҷӯёнро бо тарзи ташкили кор, ҷойи кори мушаххас, бо идораи ҷараёнҳои технологӣ, таҷҳизот, васоити техникӣ ва истифодаи онҳо, сарфаҷӯйӣ аз истеҳсолот ошно месозад;

-назорати доимиро аз руи фаъолияти истеҳсолии донишҷӯён ташкил намуда, ба онҳо ёрии амалӣ мерасонад, то онҳо ба таври дурусту саҳеҳ вазифаҳои дар наздиашон муайянкардаро иҷро намоянд;

-роҳҳои бехатарии меҳнатро ба донишҷӯён меомӯзонад;

-ташкили рӯзномаҳо, тайёр намудани ҳисоботро аз ҷониби донишҷӯён назорат мекунад. Барои онҳо хислатномаи истеҳсолӣ менависад, ки фарогирандаи иттилоот дар бораи иҷрои барномаи таҷрибаомӯзӣ, муносибати донишҷӯён ба меҳнат ва ширкати онҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ мебошад.

75.Вазифаҳои донишҷӯ ҳангому гузаштан аз таҷрибаомӯзӣ тибқи барномаи пешбинишуда ба таври зайл муайян карда шудаанд:

-риояи қоидаҳои тартиботи дохилии мавҷуда дар корхона, муассиса ё ташкилот;

-азхуд намудани қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва бехтарии технологӣ, тозагии истеҳсолот ва татбиқи он;

-ширкат варзидан дар таҳқиқи корҳои навоварӣ ва ихтироотӣ тибқи пешниҳоди кафедра;

-ҳамчун коргарони доимии корхона, муассиса ё ташкилот барои корҳои мавриди назар масъул будан;

-кушодани рӯзнома ва таълифи маводи мӯҳтавои лексия, суҳбатҳо ва амсоли инҳо;

-пешниҳод намудани ҳисоботи хаттӣ ба роҳбари таҷрибаомӯзӣ роҷеъ ба коромӯзӣ ва супоридани санҷиш.

## 14.Ҷамъбасти натиҷаи таҷрибаомӯзӣ

76.Донишҷӯ пеш аз анҷоми таҷрибаомӯзӣ ҳисоботи хаттӣ навишта, онро ба роҳбари таҷрибаомӯзии факултет пешниҳод мекунад. Ҳисобот

ва рӯзнома бояд бо имзои роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз муассисаҳо тасдиқ карда шуда бошад. Ҳисобот бояд маълумоти лозимиро дар бораи кори мушаххаси донишҷӯ ҳангоми гузаштан аз таҷрибаомӯзӣ ва ҳамчунин тавсифи мухтасари корхонаву муассиса ё ташкилот, тарзи кори онро дар бар гирад. Барои навиштани ҳисобот дар қисмати охири таҷрибаомӯзӣ ба донишҷӯ ду ё се рӯз ҷудо карда мешавад.

77.Пас аз анҷоми таҷрибаомӯзӣ, донишҷӯ дар назди комиссияе, ки аз тарафи раёсати муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тасдиқ шудааст, имтиҳон месупорад. Комиссия ба фаъолияти донишҷӯ баҳо мегузорад. Ба ҳайати комиссия инчунин омӯзгори фанни таълимӣ ва роҳбари таҷрибаомӯзӣ шомил мешаванд. Барои таҳлил ва баҳодиҳӣ ба натиҷаҳои бадастоварда ва кори анҷомдодаи донишҷӯ дар баробари роҳбарони таҷрибаомӯзӣ, ҳамчунин намояндагони кафедраҳои илмҳои ҷамъиятӣ ҷалб карда мешаванд. Зимни арзёбии натиҷаи кори донишҷӯ дар радифи дигар аснод тавсифномаи роҳбари коромӯзӣ аз корхона, муассиса ё ташкилот ба назар гирифта мешавад. Баҳои натиҷавии таҷрибаомӯзии истеҳсолии донишҷӯён зимни таъини стипендия ба инобат гирифта мешавад.

78.Натиҷаи таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ бо назардошти иштироки донишҷӯ дар чорабиниҳои иҷтимоию сиёсӣ, конференсияҳои илмию методии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мавриди муҳокима қарор мегирад.

79.Донишҷӯёне, ки барномаи таҷрибаомӯзиро дар шакли гирифтани баҳои ғайриқаноатбахш аз санҷиш иҷро накардаанд, дар тӯли таътил такроран ба гузаштан аз таҷрибаомӯзӣ ҷалб карда мешаванд.

## 15.Таъмини маош барои роҳбарии таҷрибаомӯзии истеҳсолии донишҷӯён

80.Маоши коргарони корхонаҳо, муассисаҳо ё ташкилотҳое, ки роҳбарии таҷрибаомӯзиро ба уҳда доранд, ҳар моҳ аз ҳисоби маблағҳои ташкилоти мазкур тибқи меъёрҳои мавҷуда пардохта карда мешавад. Маоши мазкур ба изофаи маоши аслӣ ба ҳисоби фоиз муайян карда мешавад.

81.Фоизи маоши роҳбарии умумӣ ба таҷрибаомӯзӣ, ки аз тарафи корхона, муассиса ё ташкилот таъин карда шудааст, бо назардошти теъдоди донишҷӯён муқаррар карда мешавад:

82.Таъмини маоши кори роҳбароне, ки дар он таҳсилоти илова ба маоши ҷойи кори асосии онҳо ба назар гирифта шудааст, тибқи меъёрҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда сурат мегирад.

А) Ҳаҷми маоши роҳбарии умумии таҷрибаомӯзӣ дар корхона, муассиса ё ташкилот вобаста ба теъдоди донишҷӯён ба тариқи зайл муайян карда шудааст: зиёда аз 20 нафар - 15 %, зиёда аз 40 нафар - 20 %, зиёда аз 50 нафар - 25 %. Агар теъдоди донишҷӯёни таҷрибаомӯз аз 50 нафар зиёд бошад, роҳбари умумии таҷрибаомӯзӣ дар корхона, муассиса

ё ташкилот аз дигар вазифаҳо озод шуда, музди меҳнати ӯ дар давраи муайян дар корхона ҳифз карда мешавад.

Б) Ба роҳбарии таҷриба дар сех, шуъба, лабаратория ва ғайра, ки роҳбарии бевоситаи таҷрибаомӯзиро ба зимма дорад, музди маош ба таври зайл муайян карда мешавад: то 4 нафар - 10 %, аз 5 то 7 нафар - 20%, аз 8 то 10 нафар - 30%.

83.Дар давраи таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ барои донишҷӯёне, ки ҳуқуқи гирифтани стипендия доранд, сарфи назар аз он ки онҳо дар ҷойи таҷрибаомӯзӣ музди меҳнат мегиранд, аз рӯйи қоидаҳои умумӣ стипендия дода мешавад.

84.Дар муҳлати рухсатӣ ин донишҷӯён дар асоси қоидаҳои мавҷуда стипендия мегиранд.

85.Маоши коргарони техникӣ ва коргарони маъмурӣ, ки зимни коромӯзӣ лексияҳову суҳбатҳо гузарондаанд, аз тарафи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ пардохт карда мешаванд. Дар ин маврид музди меҳнати онҳо дар шакли соатбайъ, мутобиқи қонуни мавҷуда дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба назар гирифта мешавад ва маош аз ҳисоби маблағҳои махсус, ки барои таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ҷудо карда шудааст, пардохт мегардад.

## 16.Хусусиятҳои ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ дар шароити низоми кредитии таҳсилот

86.Дар шароити татбиқи низоми кредитии таҳсилот намудҳои гуноногуни таҷрибаомӯзии касбӣ меҳнатталабии гуногунро бо соатҳои академӣ дар назар дорад. Аз ҷумла, 1 соати академӣ ба 50 дақиқаи таҷрибаомӯзии таълимӣ, ба 100 дақиқаи таҷрибаомӯзии педагогӣ ва ба 250 дақиқаи таҷрибаомӯзии истеҳсолиӣ баробар аст.

87.Таҷрибаомӯзӣ вобаста ба самт (ихтисос) бо тарки раванди асосии таълим гузаронида мешавад. Таҷрибаомӯзии таълимӣ берун аз раванди таълим, ҳамчунин дар ҷараёни он низ гузаронида мешавад.

88.Ба фаъолияти донишҷӯ ҳангоми гузаштан аз таҷрибаомӯзӣ тибқи низоми холдиҳӣ-рейтингӣ баҳо дода мешавад ва ҳангоми ҳисоби холи умумии миёнаи бадастоварда (GPA)-и ӯ ё гузаронидани ӯ аз курс ба курс ба инобат гирифта мешавад.

89.Барномаи таҷрибаомӯзӣ аз тарафи кафедраҳои тахассусӣ бо назардошти самт (ихтисос) ва хусусияти макони таҷрибаомӯзӣ коркард шуда, аз тарафи ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тасдиқ карда мешавад. Барномаи таҷрибаомӯзӣ бояд талаботи зеринро инъикос кунад:

-муҳлати гузаронидан ва самтнокии таҷрибаомӯзӣ;

-таркиб ва муҳлати иҷрои супоришҳои инфиродӣ аз ҷониби донишҷӯ ва шакли ниҳоии назорат (санҷиш ё имтиҳон);

-таркиби тахминӣ ва муҳлати гузаронидани таҷрибаомӯзии таълимӣ (шиносоӣ - дар шакли экскурсия);

-иштироки донишҷӯён дар фаъолияти инноватсионии корхонаҳо, муассисаҳо ё ташкилотҳо;

-тартиби тайёр намудан ва мухлати ҳимояи ҳисобот оид ба таҷрибаомӯзӣ;

-ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзӣ, вобаста гардонидани роҳбар ба ҳар як донишҷӯ аз ҳайати омӯзгорони кафедра ва коргарони корхона, муассиса ва ё ташкилоте, ки ба сифати макони таҷрибаомӯзӣ муқаррар карда шудааст.

90.Пас аз анҷоми таҷрибаомӯзӣ роҳбарон дар бораи дараҷаи азхудкунии барномаи таълимӣ аз ҷониби донишҷӯ ва ноил гардидани ӯ ба мақсадҳои гӯзошташуда ҳисоботи хаттӣ пешниҳод мекунанд.

91.Баҳодиҳии натиҷаи таҷрибаомӯзӣ аз тарафи роҳбари таҷрибаомӯзӣ дар асоси ҳуҷҷатҳо ва ҳисоботи пешниҳодгардида амалӣ мегардад. Натиҷаи умумии таҷрибаомӯзӣ дар Шӯрои олимони факултет бо иштироки намояндагони корхонаҳо, муассисаҳо ё ташкилотҳо муҳокима мегардад.

92.Ба ҳар як соати академии таҷрибаомӯзӣ (ба ғайр аз таълимӣ) мувофиқи фаъолияти иловагии донишҷӯ бо миқдори соатҳои таълимӣ миқдори зерини соатҳо илова карда мешавад: барои таҷрибаомӯзии педагогӣ – 1 соат, барои таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ – 4 соат ва барои таҷрибаомӯзии илмӣ-тадқиқотӣ – 7 соат.

Таҷрибаомӯзии касбӣ қисмати ҳатмии барномаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ мебошад. Ҳаҷми умумии ҳама намуди таҷрибаомӯзӣ на кам аз 6 кредитро ташкил медиҳад. Давомнокии таҷрибаомӯзӣ бо ҳафтаҳо дар асоси вақти меъёрии фаъолияти донишҷӯ дар таҷрибаомӯзӣ дар давоми ҳафта, ки ба 32 соат баробар аст, муайян карда мешавад.

93.Барои ҳисоб намудани миқдории ҳафтаҳо ҳаҷми меҳнатталабии намуди таҷрибаомӯзӣ бо соатҳои таълимӣ зарб карда шуда, ба давомнокии фаъолияти донишҷӯ дар давоми ҳафта (яъне 32 соат) тақсим карда мешавад. Азбаски меҳнатталабии як кредити таҷрибаомӯзӣ барои таҷрибаомӯзии таълимӣ – 16 соат, барои таҷрибаомӯзии педагогӣ – 32 соат, барои таҷрибаомӯзии истеҳсолиӣ – 80 соат ва барои таҷрибаомӯзии илмӣ-тадқиқотӣ – 120 соатро ташкил медиҳад, мувофиқан давомнокии таҷрибаомӯзӣ барои як кредит бо ҳафтаҳоро дар бар мегирад. Ин нишондиҳанда барои таҷрибаомӯзии таълимӣ (шиносоӣ) – ба 0,5 ҳафта, педагогӣ – ба 1 ҳафта, истеҳсолӣ – ба 4 ҳафта ва пешаздипломию илмӣ-тадқиқотӣ – ба 10 ҳафта баробар мешавад.